Кумитаи рушди маҳали
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарори
ҷаласаи сайёри Ҳайати мушовара

аз 15 июли соли 2019 №3/1

ш. Кӯлоб

Дар бораи натиҷаи таҳлили рафти татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 - 2019» дар давоми солҳои 2015 - 2018

Маҷлиси Ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи таҳлили рафти татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 - 2019» дар давоми солҳои 2015 – 2018-ро мавриди муҳокима қарор дода қайд менамояд, ки ҷараёни татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2014, №809 тасдиқ карда шудааст, заминаи ҳуқуқӣ гузошта, барои ноил гардидан ба як қатор дастовардҳо мусоидат намудааст.

Шумораи аҳолии шаҳри Кӯлоб ба 1-уми январи соли 2019 ба 210,6 ҳазор нафар расида, дар маркази шаҳри Кӯлоб ва 4 ҷамоат, аз ҷумла ҷамоатҳои Зиракӣ, Кӯлоб, Даҳана ва Зарбдор зиндагӣ менамоянд.

Кӯлоб ҳамеша шаҳри муосиру дар асоси дастовардҳои илмӣ пешрафта буда, ҷиҳати истифодабарии самараноки захираҳои имконоти мавҷуда ва таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019 таҳия гардидааст.

Барои муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои давраи миёнамуҳлат ҳуҷҷати асосӣ Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои солҳои 2015 - 2019 таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2014, №809 тасдиқ карда шудааст.

Дар Барномаи мазкур 262 адад лоиҳа – чорабиниҳо ба маблағи 1046,7 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, аз он ба буҷети ҷумҳурӣ 22,6% (127.4 млн. сом), буҷети вилоят 0,5% (5,8 млн. сом), буҷети маҳаллӣ 2,5% (23,6 млн.

сом), маблағҳои худӣ 17,8% (187,1 млн. сом) ва маблағгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ 56,6% (592,6 млн. сом) рост меояд.

Аз маблағи умумии лоиҳаҳо 16,8% ба бахши иқтисодӣ, 20,4% ба бахши иҷтимоӣ, 51,0% ба бахши инфрасохтор, 11,6% ба ҳолатҳои фавқулодда ва 0,04% ба таъминоти захиравӣ равона карда гардидааст, яъне дар Барнома ба рушди иқтисодии шаҳр афзалият дода шудааст.

Таҳлилҳои гузаронидашуда муайян намуданд, ки дар давоми солҳои 2015 – 2018 корҳои анҷомдодаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб дар доираи ваколатҳои пешбининамудаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ дар раванди татбиқи сиёсати соҳавӣ барои амалигардонии лоиҳа – чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 - 2019», вазъи марҳилавии рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрро то андозае таъмин намудааст.

Муайян гардид, ки барои амалигардонии барнома самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб оид ба риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» моддаи 8 «Ваколати Маҷлиси вакилони халқ» - назорати иҷрои Барнома ва моддаи 20 «Ваколати раиси шаҳр» - оид ба рафти иҷрои Барнома дар иҷлосия ҳисобот медиҳад, дар таъмин ва баррасии он дар иҷлосияҳо мавриди муҳокима қарор дода шуда бошад ҳам, аммо муқаррароти боби 7 «Низоми мониторинг ва арзёбӣ» рафти татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди иҷро қарор дода нашуда, то ҳол гуруҳи мониторинг ва арзёбӣ бо санади мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ташкил карда нашудааст, ки ин хунукназарии шахсони масъул барои мушоҳидаи корҳо, таҳлили натиҷаҳои ба дастомадаи рафти иҷрои Барнома мушкилотҳоро пеш овардааст.

Дар давоми солҳои 2016 - 2018 маблағи ба нақша гирифтаи чорабиниҳо, ки бояд аз худ карда мешуданд 963,8 млн. сомонӣ буда, ба соҳаҳои тандурустӣ 13,0 млн. сомонӣ (1,3%), нақлиёт ва роҳ 267,2 млн. сомонӣ (27,7%), соҳибкорӣ 11,2 млн. сомонӣ (1,1%), саноат 46,5 млн. сомонӣ (4,8%), кишоварзӣ 34,5 млн. сомонӣ (3,6%), маориф 86,8 млн. сомонӣ, сохтмон (9%), 66,2 млн. сомонӣ (6,8%), оби нӯшокӣ 15,0 млн. сомонӣ (1,6%) ва барқтаъминкунӣ 42,7 млн. сомонӣ (4,4%) рост омада,

азхудкунии онҳо барои рушди соҳаи тандурустӣ, таъмири роҳҳо, соҳибкорӣ, саноат ва маориф нақши калидӣ доштанд.

Ҳамзамон, маблағи умумии азхудкардашудаи Барнома дар давоми солҳои 2015-2018 297,4 млн. сомониро ташкил додааст, ки азхудкунии маблағи лоиҳа-чорабиниҳо ба 27,9% рост меояд.

Ҳиссаи азхудкардашудаи маблағи лоиҳа - чорабиниҳои Барнома дар солҳои 2015-2018 (297,5 млн. сомонӣ) ба соҳибкорон 27,4% (81,6 млн. сомонӣ), сармояи дохилию хориҷӣ 13,2% (39,4 млн. сомонӣ), буҷети ҷумҳурӣ 55,6% (165,4 млн. сомонӣ), буҷети маҳаллӣ 2,9% (8,6 млн. сомонӣ) ва буҷети вилоятӣ 0,7% (2,1 млн. сомонӣ) рост омадааст, ки саҳми буҷети ҷумҳуриявӣ дар амалигардонии лоиҳа - чорабиниҳои Барнома боиси қайд мебошад.

Нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағгузории лоиҳаҳо дар соҳаи маориф 8,9%, ҳолатҳои фавқулодда 7,8% сохтмон 4,0%, соҳаи саноат 2,2%, нишондиҳандаи пасти он дар соҳаи соҳибкорӣ 0,9%, фарҳанг 0,02% ва барқтаъминкунӣ 0,4% таъмин гардида, дар соҳаи таъминот бо оби нӯшокӣ 0,3% ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки азхудкунии маблағҳои лоиҳа-чорабиниҳои ба нақша гирифтаи Барнома дар ягон соҳа таъмин нагардидааст, ки тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро тақозо менамояд.

Дар ин давра, шумораи лоиҳаҳои иҷронагардида 189 адад ва маблағи азхуднагардида 778,5 млн. сомониро ташкил додааст, ки ба соҳаҳои саноат 34,7 млн. сомонӣ (4,4%), кишоварзӣ 35,1 млн. сомонӣ (4,5%), соҳибкорӣ 2,7 млн. сомонӣ (0,3%), тандурустӣ 16,0 млн. сомонӣ (2,0%), сохтмон 33,4 млн. сомонӣ (4,2%), нақлиёт ва роҳҳо 257,0 млн. сомонӣ (33,0%), маориф 6,8 млн. сомонӣ (0,9%), ҳолатҳои фавқулодда 72,5 млн. сомонӣ (9,3%) хоҷагии манзилию коммуналӣ 182,3 млн. сомонӣ (23,4%), оби нӯшокӣ 15,0 млн. сомонӣ (1,9%) ва таъминоти барқ 42,7 млн.сомонӣ (5,5%), рост омада, аз ин ҳисоб ба рушди соҳаҳои болозикр таъсири манфӣ расонидааст.

Сабабҳои иҷро нагардидани лоиҳаҳои Барнома, ки ба сармоягузории хориҷӣ равона карда шуда буданд аз он иборат аст, ки пеш аз ҳама, дар доираи Барнома кор набурдани масъулини мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб бо мақомотҳои дахлдори марказӣ ва дуруст ба инобат нагирифтани манбаҳои маблағгузорӣ ифода мегардад.

Илова ба ин, татбиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Салоҳияти Ҷамоат дар соҳаи иқтисод ва молия» мавриди амалигардонӣ қарор дода нашудааст,

яъне тахия ва тасдиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар ҳудуди шаҳр ташкил ва ба роҳ монда нашудааст.

Дар раванди таҳлили иҷрои натиҷаҳо мувофиқи индикаторҳои пешбининамудаи Барнома муайян гардид, ки амалигардонии лоиҳа - чорабиниҳои Барнома ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ба дараҷаи зарурӣ таъсири мусбӣ нарасонидааст.

Вобаста ба ин, натиҷаи иҷрои нишондиҳандаҳои пешбининамудаи Барнома, ягон соҳа ба пуррагӣ таъмин нагардидааст, ки таъсири амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои Барномаро ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр инъикос менамояд.

Таъмини нишондиҳандаҳои пешбининамудаи Барнома дар ҳамаи соҳаҳо андешидани чораҳои иловагӣ барои иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва татбиқи сиёсати мақомотҳои марказиро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, муайян гардид, ки дар ҳисоби маблағи умумӣ, миқдори воҳиди ченаки лоиҳа-чорабиниҳо, пешбинӣ намудани рақамҳои индикаторҳои лоиҳа-чорабиниҳои Барнома ва вобаста аз ҳолати воқеӣ ворид намудани индикаторҳои иловагӣ норасоиҳо ба назар расида, такмил ва таҷдиди барнома, ҷиҳати мутобиқ намудани он ба ҳадаф ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва Нақша-чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб ба миён омадааст.

Бо назардошти таҳлили гузаронидашуда вусъат додани низоми банақшагирии стратегӣ дар сатҳи маҳал, татбиқи сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои давраи миёнамуҳлат ва расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ба ин васила, таъмини пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии шаҳри Кӯлоб ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Маълумотнома оид ба натиҷаи таҳлили рафти татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019» дар давоми солҳои 2016 – 2018 ба инобат гирифта шавад.

2. Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал вазифадор карда шавад, ки:

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон,

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» барои ба роҳ мондани назорати иҷрои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб ва ташкил намудани ҳисобот дар иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқи шаҳр аз ҷониби роҳбарияти шаҳр, иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ташкили гуруҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии Барномаи мазкур чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд;

- ҷиҳати гузаронидани такмили низоми идоракунии маҳаллӣ ва дақиқан ҷудо намудани ҳуқуқҳо ва уҳдадории иштирокчиёни Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот ва риояи талаботи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии шаҳрак ва деҳот» дар якҷоягӣ бо Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб пешниҳодҳоро омода намоянд;

- барои таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҳамкориҳо барои амалигардонии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ якҷоя бо Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, КВД “Тоҷикагролизинг” барои кам намудани заминҳои боир, бартараф намудани норасоии техникаи кишоварзӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба оби полезӣ, тухмии зироатҳо, ташкили корхонаҳои коркарди меваю ангур, пӯсту пашм, бунёди сардхонаҳо, таъмини меъёри физиологии истеъмоли озуқа ба ғайр аз маҳсулоти ширӣ мусоидат намоянд;

- барои расидан ба ҳадафи афзалиятдоштаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оиди гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ - аграрӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон барои таъсиси корхонаҳои коркарди ашёи хоми дар Барнома пешбинигардида, ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ва ба кор

андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва устувории лоиҳаҳои татбиқгардида тадбирҳо андешанд;

- ҷиҳати ҳалли мушкилот ва ба роҳ мондани ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон барои баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, ташкили Ассосиатсияи соҳибкорони шаҳр, амалигардонии «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ», ҷалби соҳибкорон барои амалигардонии лоиҳа – чорабиниҳои Барнома мусоидат намоянд;

- дар якҷоягӣ бо вазоратҳои молия, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, адлия, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, меъморӣ ва сохтмон, ҳифзи муҳити зист, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон барои амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019 дар соҳаи сохтмон ҷиҳати фароҳам овардани шароити корӣ ба сохторҳои ҳудудии мақомотҳои марказӣ дар шаҳр ба ҳамкориҳо тақвият бахшанд;

- ҷиҳати рушди сармояи инсонӣ дар якҷоягии Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо мақсади баланд бардоштани нишондиҳандаи рушди сармояи инсонӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон барои амалигардонии лоиҳа – чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 - 2019 ҷиҳати бунёди муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, зиёд намудани фарогирии кӯдакони томактабӣ ба таҳсил ва бартараф намудани норасоии китобҳои дарсӣ ва омӯзгорон тадбирҳои иловагӣ андешанд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) ва дақиқ ба роҳ мондани бақайдгирии шумораҳои оилаҳои камбизоат чораҳои иловагӣ андешида, барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати амалигардонии лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019 пешбинигардида мусоидат намоянд;

- барои ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоии маҳал оид ба вусъати шуғли пурмаҳсул дар якҷоягии Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти

идоракунии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон ҷиҳати кам намудани шумораи бекорон, таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ба корҳои ободониву бунёдкорӣ, рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, баланд бардоштани самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва расидан ба афзалияти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 чораҷӯӣ намояд;

- ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар якҷоягии Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ барои рушди сайёҳӣ ба соҳибкорони шаҳр, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ дар раванди таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ ва ташкили маркази бақайдгирии сайёҳон кӯмак расонанд;

- барои таъмини рушди соҳаи варзиш дар якҷоягӣ бо Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон дар раванди амалигардонии лоиҳаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019 шароити мусоидро барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ба ташкилоту муассиса ва соҳибкорони шаҳр фароҳам овардани заминаи сатҳи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш, ташаббуси шаҳри Душанбе оид ба гузаронидани машқҳои варзишӣ аз ҷониби кормандони ташкилоту муассисаҳо дар ҷойҳои оммавии варзишӣ, таблиғи тарзи ҳаёти солим, иштироки васеи варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ чораҳои зарурӣро роҳандозӣ намоянд;

- барои таъмини рушди соҳаи фарҳанг дар якҷоягии Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон оид ба зиёд намудани шумораи китобхонаҳои оммавӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- ҷиҳати суръат бахшидан ва азхудкунии маблағҳои лоиҳа - чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар якҷоягӣ бо КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон бо мақсади беҳтар намудани дараҷаи дастрасии аҳолии шаҳр бо оби нӯшокӣ хусусан дар Ҷамоати деҳоти «Даҳана», «Зиракӣ» ва Ҷамоати шаҳраки «Зарбдор» чораҳои зарурӣ андешанд;

- дар ҳамкорӣ бо ШСХК «Барқи Тоҷик», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон ҷиҳати баланд бардоштани таъминот бо ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ хусусан аз ҳисоби аҳолӣ ва амалигардонии лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019 пешбинигардида чораҳои мушаххас андешанд;

- барои ҳалли саривақтии масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ва рушди инфрасохтори нақлиёт дар ҳамкорӣ бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Хоҷагию манзилию коммуналӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии деҳаҳо, ҷалби соҳибкорон ва аҳолии шаҳрро барои амалигардонии лоиҳа - чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019 пурзӯр намуда, татбиқи онҳоро ташкил намоянд;

- барои таъмини ҳолати хуби экологӣ ва ташкили хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ҷиҳати ҷамъоварии партовҳо, хусусан дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳр иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011 с., №97 «Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор» ва ташкили хизматрасонии босифати коммуналӣ ва маишӣ ба аҳолии ноҳия чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд;

- дар ҳамкорӣ бо Кумитаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон барои ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ, истифодаи дигар роҳҳои алтернативии (шанбегӣ, истифодаи маблағҳои аҳолӣ, кӯмаки хайриявӣ) амалигардонии лоиҳа ва кам намудани хавфи ҳолатҳои фавқулодда чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ба ҳадаф ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва Нақша-чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, мутобиқ намудани лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025 инчунин вобаста ба муҳимияти лоиҳаҳои иҷронагардидаи Барномаи қаблӣ дар Барномаи мазкур дохил намудани ин лоиҳаҳо чораҳои зарурӣ андешад.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва вилояти Хатлон ҷиҳати ислоҳи камбудиву норасоиҳои дар рафти иҷрои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015–2019 ошкоршуда дар муҳлати як моҳ Нақша – чорбиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлобро таҳия намуда, аз рафти иҷрои он ҳар семоҳа ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот манзур намояд.

4. Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал аз рафти иҷрои бандҳои қарори ҷаласаи сайёри ҳайати мушовара ҳар семоҳа ба роҳбарияти Кумита маълумот пешниҳод намояд.

Вобаста ба сохтори идоракунии маҳал:

5. Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ, шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб:

- қарорҳои таъсиси «Ширкати соҳибмулкони манзил» ва Муассисаи давлатии назорати сектори хусусиро дар асоси талаботи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намояд;

- ба ҷамоатҳои деҳоти «Кӯлоб» ва «Зиракӣ» ҷиҳати мутобиқгардони - дани шумораи воҳидҳои корӣ ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2011, №115 «Дар бораи Низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи Раис, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лимити шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» тадбирҳои зарурӣ андешида то моҳи сентябри соли ҷорӣ ба Кумитаи рушди маҳал ахборот манзур намоянд;

- барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти кории 49 Кумитаҳои маҳалла ва 164 биноҳои баландошёна, ки дар ҳудуди он 107 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ менамоянд, ҷиҳати андешидани чораҳо оид ба беҳбудии шароити

манзилию маишии аҳолӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳофизати муҳити зист, ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта  аз ҷумла нигоҳдорӣ ва ободонии роҳҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, манбаъҳо ва шабакаҳои обтаъминкунӣ, бозорҳои маҳаллӣ, инчунин нигоҳдории қабристонҳо ва таъмини тозагии маҳал аз партовҳо, дуруст ба роҳмондани корҳои ҳамоҳангсозӣ бо Кумитаҳои маҳаллаҳо дар ҳудуди шаҳри Кӯлоб мувофиқи банди 6 моддаи 4, банди 4 моддаи 6,  моддаи 14   Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди шаҳри Кӯлоб таъсис додани 2 Ҷамоати шаҳрак ва ҷиҳати пешниҳод ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2013, №2209 барои ташкили Шуъбаи кор бо мақомоти маҳал дар Дастгоҳи шаҳр бо 4 воҳиди кории иловагӣ,  тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- ҷиҳати ташкил намудани Кумитаҳои маҳалла дар шаҳри Кӯлоб дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовинони Раиси Кумита Қурбонзода Бег Хол, Исмоилзода Ёқуб Борон ва шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи Ҳайати мушовара,
Раиси Кумита                                                   Қосим Роҳбар